**“Тасдиқ мекунам”**
Директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор
________________ Убайдулло Н.К.
«11» июни соли 2019

# ХУЛОСАИ

Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадии унвонҷӯ Мираксода Фаридун Юсуфи дар мавзӯи **“Туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих ва дурнамои рушд (солҳои 1991-2016)”**, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)

Диссертатсия дар мавзӯи “Туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих ва дурнамои рушд (солҳои 1991-2016)” дар кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода навишта шудааст (хулосаи ҷаласаи кафедра аз 18.03.2019, № 7).

Дар давоми навиштани диссертатсия Мираксода Фаридун Юсуфи унвонҷӯи кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода буда, ҳамзамон дар кафедраи мазкур ба ҳайси муаллими калон фаъолият намуда, фанҳои соҳаи сайёҳӣ ва фарҳангшиносиро ба донишҷӯён дарс медиҳад.

Соли 2016 Мираксода Ф.Ю. шуъбаи рӯзонаи факултети фарҳангшиносии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзодаро бо дипломи аълочӣ хатм намуда, дорандаи дипломи дараҷаи мутахассис аз рӯи ихтисоси “саёҳат ва меҳмондорӣ” гардидааст.

Мавзӯи диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз аз 23 феврали соли 2017, таҳти № 7/4-3 тасдиқ гардидааст.

Мираксода Ф.Ю. бо фармоиши №30-4да, аз 27.02.2017 ба ҳайси унвонҷӯй дар кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии ДДЗТ ба номи С. Улугзода аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ қабул шудааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз ҷониби Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон №611, аз 17.09.2019 дода шуд, ки чунин аст: (фанҳои таърих ва фалсафаи илм, забони хориҷӣ (англисӣ) ва забони русӣ шаҳодатномаи № 106 аз ҷониби Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дода шудааст. Ҳамзамон, 28 июни соли 2019 аз фанни таърихи халқи тоҷик "аъло" (суратҷаласа тибқи фармоиши Раёсати АИ ҶТ №9-к аз 28.06.2019 тасдиқ шудааст), 26 августа соли 2019 аз фанни таърихи умумӣ "хуб" (суратҷаласа тибқи фармоиши Раёсати АИ ҶТ №10-Ф аз 26.08.2019 тасдиқ шудааст).

**Роҳбари илмӣ** – Муллоҷонов Сайфулло Кучакович, доктори илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Дар муҳокима ширкат намуданд: Ғафуров А.М., мудири шуъба, номзади илмхои таърих, доктори илмҳои таърих, профессор Абулҳаев Р., доктори илмҳои таърих, профессор Ҳотамов Н.Б., доктори илмҳои таърих, Абдурашитов Ф., доктори илмҳои таърих Муллоҷонов С.К. номзади илмҳои таърих Каримова Р., ходимони илмии шуъба Мусоев Ё., Мирзоев Ҷ., Акрамов М., унвонҷӯ Мираквода Ф.Ю.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи Мираквода Ф.Ю. хулосаи зерин пешниҳод шуд:

**Мубрамияти таҳқиқот.** Истиқлоли сиёсии Тоҷикистон дар тамоми самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ дигаргунии куллиро ба миён овард. Тасмимгирӣ дар бештари масъалаҳо вобаста ба манфиатҳои миллӣ ва сиёсиву иқтисодии кишвар ба роҳ монда шуд. Дар радифи дигар масъалаҳои муҳим, туризм низ дар меркази таваҷҷуҳи роҳбарияти давлати Тоҷикистон қарор дорад. Зеро, имкониятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт зиёд буда, он яке аз бахшҳои муҳими иқтисодиёт ва фарҳанги кишвар ба шумор меравад. Сиёсатгузории дуруст дар ин соҳа метавонад боиси афзун гаштани даромади кишвар ва боло рафтани ҷойгоҳи байналмилаии Тоҷикистон гардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои садҳо осори таърихию ҳунарӣ, ёдгориҳои бостоншиносӣ, мавзеҳои истироҳатӣ, обҳои шифобахш, кӯҳҳои осмонбӯс ва табиати воқеан назаррабо мебошад, ки истифодаи оқилонаи онҳо, бешак, ба рушди туризм ва пешрафти иқтисоди миллӣ мусоидат хоҳад кард.

Сиёсати давлатии рушди туризм ва дигаргуниҳои зиёд дар ин самт тақозо мекунад, ки ин масъала дар қолиби як рисолаи илмӣ мавриди омӯзишу таҳқиқи бештар қарор гирад. Омили дигаре, ки моро барои омӯхтани мавзӯи мазкур фаро мехонад, дар илми таърихнигории тоҷик қадри кофӣ ва дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нагаштани он мебошад. То ин дам ба ҷуз мақолаҳои ҷудогона ва як рисолаи номзадӣ (Пивоварова Н.В.), ки бештар ба таърихи рушди туризм дар давраи Шӯравӣ ва чанд соли аввали истиқлолият бахшида шудааст, дар ин ҷода пажӯҳиши ҷиддӣ сурат нагирифтааст. Аз ин рӯ, таҳқиқот дар доираи мавзӯи рисола имкон медиҳад, ки таърихи ташаккул, рушд ва дурнамои туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шавад.

Дар сиёсати давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад, ки ин далели дигар интихоб кардани мавзӯи зайл барои таҳқиқ мебошад. Барои омӯзиши он дар ҳудуди ҷумҳурӣ сарчашма, маводи бойгонӣ ва адабиёти илмӣ мавҷуд аст. Истифодаи тавсияҳо, ки натиҷаи ин таҳқиқот мебошад низ ба суди соҳа мебошад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти** мазкурро асарҳои илмию назариявии олимони забардаст, ки дар самти сайёҳӣ ва хусусиятҳои хоси он таҳқиқоти боарзише анҷом додаанд, ташкил медиҳанд. Бинобар ин, зимни баррасии масоили назариявии рисолаи мазкур асарҳои муҳаққиқон Қодирова М.И., Пивоварова Н.В.. Азимова М.А., Сангинов Д.Ш., Ёров Д.Ш., Сангинов Д.Ш., Сафаров У.А., Собиров М.С., Абдалимов А., Акрамов С., Асоев Ҳ., Бартолд В.В., Балабанов, И.Т. Биржаков, М.Б., Бобоходжаев, И.Я., Бедор Б.А., Чуршина Н.М., Воронкова Л.П., Давлатмамадов Ш., Девонакулов А., Джураев К.Ш., Дулов А.Н., А.Н. Дулов, К.А. Дюхова, Д.В. Юрчак, Долматов Г.Д., Жукова М.А., Кварталнов В.А., Қодиров Ф.С., Мамадризохонов А.А., Морозов М.А., Муродов, М.Р., Пузакова Е.П., Сангинов Д.Ш., Стасов В.В., Сенин В.С., Хамдамов Б.О., Акбари Шарбатӣ, Ван Циншен, Дадабоева М., Ёров Ҷ., Қурбонова Ш.Б., Қодиров Ф.С., Мусавинур Саидалӣ, Муллоҷонов С.К., Юсуфшоҳ Яъқубшоҳ, Соколова М.В. ҳамчун асоси назариявию методологӣ истифода шудаанд.

**Нововарии илмии таҳқиқот** ин аст, ки дар он таърихи туризм дар замони Истиқлолияти давлатӣ (солҳои 1991-2016) мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, дар асоси сарчашмаҳои боэътимод ҷараёни эҳё ва ташаккули туризм дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар кори илмии мазкур сарчашмаҳои сайёҳӣ, нишондиҳандаҳои оморӣ, шакл ва навъҳои туризми муосири тоҷик ва

роҳҳои инкишофи минбаъдаи он мавриди баррасӣ қарор гирифта, афзалиятҳои соҳаи сайёҳии муосири мо нисбат ба дигар марҳилаҳо бозгӯ шудаанд. Дар диссертатсия таърихи рушди туризм дар Тоҷикистон, даврабандии таърихӣ карда шуда, таърихи туризми дохилӣ ва роҳҳои тавсеаи он муайян гардида, таърихи шаклгирӣ ва рушди туризми байналмилалӣ дар Тоҷикистон омӯхта шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки ҷараёни эҳё ва рушти туризми тоҷик, проблемаҳо ва роҳҳои ҳалли онҳоро дар давраҳои муайяни таърихӣ дар асоси сарчашмаҳои боътимоди таърихӣ, илмӣ ва оморӣ муайян карда шудааст. Инчунин, сарчашмаҳои табиӣ ва иқтидори сайёҳӣ, роҳҳои инкишофи инфрасохтори сайёҳӣ ботафсил мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд, ба сифати манбаъ дар навиштани таърихи туризми тоҷик истифода гардида, дар пажӯҳиш ва омӯзиши соҳаи сайёҳӣ истифода шаванд. Дар таҳияи дастурҳои таълимӣ роҷеъ ба омӯзиши туризми тоҷик ҳамчун манбаи илмию таҳқиқотӣ мавриди истифода қарор гиранд ва дар тадриси курсҳои махсус роҷеъ ба таърихи туризми муосири тоҷик дастури раҳнамое бошанд. Ҳамчунин, барои тадриси курсҳои махсус дар бораи роҳҳои инкишофи соҳаи сайёҳии муосири тоҷик истифода шаванд.

Муҳтавои диссертатсия дар шакли маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва ҳайати профессорону устодони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст.

Инчунин, аз рӯи мавзӯи рисолаи илмӣ 8 мақола, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА ФР ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудаанд, чоп шудааст.

Таркиби диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳимияту навоварии таҳқиқот асоснок гардида, мақсад, вазифа ва фарзияҳои муаллиф пешниҳод гардида, нуктаҳои асосии дар кор баррасишаванда номбар шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум «**Мероси таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик ҳамчун ҷозибаи сайёҳии Тоҷикистон»** раванди ҷаҳонишавӣ нақши муассир гузоштани туризм, тавассути он ҳалқу миллатҳои гуногун бо фарҳангу суннатҳои ҳамдигар ошно мегарданд ва туфайли муколамаи

намояндагони фарҳангҳои мухталиф дар ин ё он кишвари дунё сайёҳӣ ҳамчун воситаи муҳими рафъи низоъҳои байни миллату қавмҳои гуногун, намояндагони дину мазҳабҳои мухталиф хизмат карда метавонад, таҷассум ёфтаанд.

Зербоби дуюм **«Сиёсати давлатии Тоҷикистон дар самти туризм: фароҳам овардани шароити сиёсӣ ва базаи ҳуқуқӣ»** унвон дошта, дар бораи таърихи ташаккулёбӣ ва рушди сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти туризм, аз ҷумла фароҳамоварии заминаҳои мусоиди сиёсӣ, иқтисодӣ ва фазои созгори ҳуқуқӣ барои ривоҷу равнақи соҳаи мазкур бо равандҳои ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии мамлакат робитаи ногусастанӣ дошта, тадриҷан ташаккул ва рушд ёфтааст, сухан меравад. Барои он ки оид ба маҷмӯи проблемаҳои соҳаи туризм ва тамоюлоти рушди он дар давраҳои мушаххаси таърихӣ тасаввуроти воқеӣ пайдо карда тавонем таҳқиқ ва мураттабсозии даврабандии он нақши муҳим мебозад.

Зербоби сеюми диссертатсия **«Ниёзҳои иқтисодии Тоҷикистон ва сармоягузорӣ дар ин самт»** ном дошта, дар ин қисмат муаллиф кӯшидааст, ки иқтисодиёти туристии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, вижагиҳои хосси ин соҳа ва таъсири он дар рушди умумии кишварро таҳқиқ кунад. Муаллиф пас аз баррасии амиқ тавсияҳои муаллифии худро ҷиҳати пешрафти соҳа баён кардааст. Аз ҷумла, ӯ таъсис додани Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии туризм ва ҷалби коршиносон ва мутахассисон таҳия ва чоп намудани қомуси миллии сайёҳиро зарур ва таъхирнопазир мешуморад.

Боби дуюми диссертатсия **«Динамикаи рушди туризм дар Тоҷикистон дар солҳои 1991-2006»** номида шуда, он низ аз ду зербоб таркиб ёфтааст.

Дар зербоби якуми боби дуюм **«Таърихи бунёди ниҳоди дахлдор дар соҳаи туризм ва марҳилаҳои асосии фаъолияти он»** оид ба сохтори иҷроияи Ҳукумат, ки ба идоракунии давлатӣ, танзими байнисоҳавӣ ва байниминтақавӣ дар соҳаи сайёҳӣ машғул буда, сиёсати давлатиро пеш бурда, то давраи соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ доимо тағйир меёфт, сухан рафта, бавуҷудоии низоми мустақил ва мукаммали идоракунии соҳаи туризм шарҳ дода шудааст.

Зербоби дуюми боби дуюм **«Экотуризм дар Тоҷикистон ва дурнамои рушди он»** унвон дошта, хусусиятҳои асосии экотуризм, ки аз дигар намуди соҳаи сайёҳӣ фарқ мекунад, пеш аз ҳама дар муносибати эҳтиёткорона ба табиат, ҳифзи объектҳои фарҳангӣ, масъулияти иҷтимоӣ, нигоҳдории рушди устувори мавзеи сайёҳӣ ва дар навбати

аввал марзи ҳудудҳои махсусҳисшавандаи табиӣ ифода мегардад, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Боби сеюми диссертатсия **«Туризм дар Тоҷикистон дар солҳои 2007-2016 ва дурнамои рушди он»** оид ба омилҳои тавсеаи соҳа дар давраи мавриди таҳқиқ маълумот дода мешавад.

Дар зерфасли якуми боби сеюм **«Туризми дохилӣ ва роҳҳои тавсеаи он: мушкилот ва дурнамо»** перомуни роҳҳои тавсеаи туризми дохилӣ, мушкилот ва дурнамои он маълумот дода шудааст. Дар ин қисмат ҷозибҳои аслии Тоҷикистон ва зарурати омӯзишу тарғиби он муаллиф чанд хулоса ва тавсия баён кардааст.

Дар зерфасли дуюми боби сеюм **«Рушду тавсеаи туризми табобатӣ дар Тоҷикистон»** муаллиф дар бораи чашмаҳои Тоҷикистон барои ташкили истироҳату фарогат ва бунёд намудани шифохонаҳо, хонаҳои истироҳативу санаторияҳо ва умуман барои рушди туризм дар Точикистон заминаи мусоиди табиӣ доранд, сухан ронда, таъкид менамояд, ки қариб дар тамоми манотиқи ҷумҳурӣ обҳои шифобахш ҷорӣ мебошанд, ки истифодаи оқилонаи онҳо барои рушди туризм ва ба ин васила пешрафти иқтисодиёти кишвари азизамон Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

Дар зерфасли сеюми боби сеюм **«Шаклгирӣ ва рушди туризми байналмилалӣ дар Тоҷикистон»** роҳҳои шаклгирии туризм дар кишвар мулоҳиза ронда, зикр мекунад, ки муҳимтарин омиле, ки боиси коҳиш ёфтани вуруди сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон гардид, ба буҳрони шадиди молиявии ҷаҳонӣ вобаста мебошад, ки то имрӯз иқтисоди ҷаҳониро пайгирӣ дорад. Ин раванд на танҳо ба соҳаи сайёҳии мамлакати мо, балки ба соҳаи туризми ҷаҳонӣ мутааллиқ буда, хусусияти сирф иқтисодиро фарогир аст. Яъне, ба муносибатҳои сиёсӣ ва иҷтимоии байналмилалӣ ва ё коҳиш ёфтани мақому манзалати мавзеоти сайёҳӣ, ё худ ба сатҳ ва сифати инфрасохтори сайёҳӣ иртибот надорад. Муаллиф ба натиҷае мерасад, ки шаклгирӣ ва рушди туризми байналмилалӣ дар Тоҷикистон бо намоиши иқтидори сайёҳии кишвар дар арсаи байналхалқӣ, таблиғи хатсайрҳо, намоиши маҳсулоти сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумии миллати тоҷик сол то сол мақоми бозори сайёҳии кишвар дар арсаи байналмилалӣ боло рафта истодааст.

Дар хулоса натиҷаҳои таҳқиқот хулосабандӣ гардидаанд.

Диссертатсияи Мираkзода Фаридун Юсуфи дар мавзӯи **«Туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих ва дурнамои рушд (солҳои 1991-2016)»** ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент,

профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар маҷлиси шуъбаи таърихи навтарини Института таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа ширкат доштанд - 9 нафар.
Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 9 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.
Протоколи № 6 аз 11 июни соли 2019.

Мудири шуъбаи таърихи
навтарини Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А. Дониши Академияи
илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғафуров А.М.

Имзои А.М. Ғафуровро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А. Дониши Академияи
илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзуллоева Г.

**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Раҷабзода М.
________________________________
«18» ______________ соли 2019

**Хулосаи**
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Диссертатсияи Мираксзода Фаридун Юсуфи дар мавзӯи **«Туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих ва дурнамои рушд (солҳои 1991-2016)»** дар кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода навишта шудааст.

Дар давоми навиштани диссертатсия Мираксзода Фаридун Юсуфи унвонҷӯи кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода буда, ҳамзамон дар кафедраи мазкур ба ҳайси муаллими калон фаъолият намуда, фанҳои соҳаи сайёҳӣ ва фарҳангшиносиро ба донишҷӯён дарс медиҳад.

Соли 2016 Мираксзода Ф.Ю. шуъбаи рӯзонаи факултети фарҳангшиносии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзодаро бо дипломи аълочӣ хатм намуда, дорандаи дипломи дараҷаи мутахассис аз рӯи ихтисоси «саёҳат ва меҳмондорӣ» гардидааст.

Мираксзода Ф.Ю. бо фармоиши №30-4да, аз 27.02.2017 ба ҳайси унвонҷӯй дар кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии ДДЗТ ба номи С. Улуғзода аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ қабул шудааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ (фанҳои таърих ва фалсафаи илм, забони хориҷӣ (англисӣ) ва забони русӣ аз 14.01.2019, №106 аз ҷониби Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Муллоҷонов Сайфулло Кучакович, доктори илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Мавзӯи диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз аз 23 феврали соли 2017, таҳти № 7/4-3 тасдиқ гардидааст.

Аз рӯи натиҷаҳои муҳокима чунин хулоса карда шуд:

Диссертатсияи Мираксода Фаридун Юсуфи ба омӯзиши яке аз масъалаҳои актуалии муосир – таҳқиқи таърихи туризм дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

**Мубрамияти таҳқиқот.** Истиқлоли сиёсии Тоҷикистон дар тамоми самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ дигаргунии куллиро ба миён овард. Тасмимгирӣ дар бештари масъалаҳо вобаста ба манфиатҳои миллӣ ва сиёсиву иқтисодии кишвар ба роҳ монда шуд. Дар радифи дигар масъалаҳои муҳим, туризм низ дар меркази таваҷҷуҳи роҳбарияти давлати Тоҷикистон қарор дорад. Зеро, имкониятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт зиёд буда, он яке аз бахшҳои муҳими иқтисодиёт ва фарҳанги кишвар ба шумор меравад. Сиёсатгузории дуруст дар ин соҳа метавонад боиси афзун гаштани даромади кишвар ва боло рафтани ҷойгоҳи байналмилалии Тоҷикистон гардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои садҳо осори таърихию хунарӣ, ёдгориҳои бостоншиносӣ, мавзеҳои истироҳатӣ, обҳои шифобахш, кӯҳҳои осмонбӯс ва табиати воқеан назаррабо мебошад, ки истифодаи оқилонаи онҳо, бешак, ба рушди туризм ва пешрафти иқтисоди миллӣ мусоидат хоҳад кард.

Сиёсати давлатии рушди туризм ва дигаргуниҳои зиёд дар ин самт тақозо мекунад, ки ин масъала дар қолиби як рисолаи илмӣ мавриди омӯзишу таҳқиқи бештар қарор гирад. Омили дигаре, ки моро барои омӯхтани мавзӯи мазкур фаро мехонад, дар илми таърихнигории тоҷик қадри кофӣ ва дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нагаштани он мебошад. То ин дам ба ҷуз мақолаҳои ҷудогона ва як рисолаи номзадӣ (Пивоварова Н.В.), ки бештар ба таърихи рушди туризм дар давраи Шӯравӣ ва чанд соли аввали истиқлолият бахшида шудааст, дар ин ҷода пажӯҳиши ҷиддӣ сурат нагирифтааст. Аз ин рӯ, таҳқиқот дар доираи мавзӯи рисола имкон медиҳад, ки таърихи ташаккул, рушд ва дурнамои туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шавад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти** мазкурро асарҳои илмию назариявии олимони забардаст, ки дар самти сайёҳӣ ва хусусиятҳои хоси он таҳқиқоти боарзише анҷом додаанд, ташкил медиҳанд. Бинобар ин, зимни баррасии масоили назариявии рисолаи мазкур асарҳои муҳаққиқон Қодирова М.И., Пивоварова Н.В.. Азимова М.А., Сангинов Д.Ш., Ёров Д.Ш., Сангинов Д.Ш., Сафаров У.А., Собиров М.С., Абдалимов А., Акрамов С., Асоев Ҳ., Бартолд В.В., Балабанов, И.Т. Биржаков, М.Б., Бобоходжаев, И.Я., Бедор Б.А., Чуршина Н.М., Воронкова Л.П., Давлатмамадов Ш., Девонақулов А., Джураев К.Ш., Дулов А.Н., А.Н. Дулов, К.А. Дюхова, Д.В. Юрчак, Долматов Г.Д., Жукова М.А., Кварталнов В.А., Қодиров Ф.С., Мамадризохонов А.А., Морозов М.А., Муродов, М.Р., Пузакова Е.П.,

Сангинов Д.Ш., Стасов В.В., Сенин В.С., Хамдамов Б.О., Акбари Шарбатӣ, Ван Циншен, Дадабоева М., Ёров Ҷ., Қурбонова Ш.Б., Қодиров Ф.С., Мусавинур Саидалӣ, Муллоҷонов С.К., Юсуфшоҳ Яъқубшоҳ, Соколова М.В. ҳамчун асоси назариявию методологӣ истифода шудаанд.

**Нововарии илмии таҳқиқот** ин аст, ки дар он таърихи туризм дар замони Истиқлолияти давлатӣ (солҳои 1991-2016) мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, дар асоси сарчашмаҳои боэътимод ҷараёни эҳё ва ташаккули туризм дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар кори илмии мазкур сарчашмаҳои сайёҳӣ, нишондиҳандаҳои оморӣ, шакл ва навъҳои туризми муосири тоҷик ва роҳҳои инкишофи минбаъдаи он мавриди баррасӣ қарор гирифта, афзалиятҳои соҳаи сайёҳии муосири мо нисбат ба дигар марҳилаҳо бозгӯ шудаанд. Дар диссертатсия таърихи рушди туризм дар Тоҷикистон, даврабандии таърихӣ карда шуда, таърихи туризми дохилӣ ва роҳҳои тавсеаи он муайян гардида, таърихи шаклгирӣ ва рушди туризми байналмилалӣ дар Тоҷикистон омӯхта шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки ҷараёни эҳё ва рушти туризми тоҷик, проблемаҳо ва роҳҳои ҳалли онҳоро дар давраҳои муайяни таърихӣ дар асоси сарчашмаҳои боътимоди таърихӣ, илмӣ ва оморӣ муайян карда шудааст. Инчунин, сарчашмаҳои табиӣ ва иқтидори сайёҳӣ, роҳҳои инкишофи инфрасохтори сайёҳӣ ботафсил мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд, ба сифати манбаъ дар навиштани таърихи туризми тоҷик истифода гардида, дар пажӯҳиш ва омӯзиши соҳаи сайёҳӣ истифода шаванд. Дар таҳияи дастурҳои таълимӣ роҷеъ ба омӯзиши туризми тоҷик ҳамчун манбаи илмию таҳқиқотӣ мавриди истифода қарор гиранд ва дар тадриси курсҳои махсус роҷеъ ба таърихи туризми муосири тоҷик дастури раҳнамое бошанд. Ҳамчунин, барои тадриси курсҳои махсус дар бораи роҳҳои инкишофи соҳаи сайёҳии муосири тоҷик истифода шаванд.

Муҳтавои диссертатсия дар шакли маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва ҳайати профессорону устодони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст.

Ҳамзамон, аз рӯи мавзӯи рисолаи илмӣ 8 мақола, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА ФР ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудаанд, чоп шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳимияту нововарии таҳқиқот асоснок гардида, мақсад, вазифа ва фарзияҳои муаллиф пешниҳод гардида, нуктаҳои асосии дар кор баррасишаванда номбар шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «**Заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**» ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум «**Мероси таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик ҳамчун ҷозибаи сайёҳии Тоҷикистон**» раванди ҷаҳонишавӣ нақши муассир гузоштани туризм, тавассути он ҳалқу миллатҳои гуногун бо фарҳангу суннатҳои ҳамдигар ошно мегарданд ва туфайли муколамаи намояндагони фарҳангҳои мухталиф дар ин ё он кишвари дунё сайёҳӣ ҳамчун воситаи муҳими рафъи низоъҳои байни миллату қавмҳои гуногун, намояндагони дину мазҳабҳои мухталиф хизмат карда метавонад, таҷассум ёфтаанд.

Зербоби дуюм «**Сиёсати давлатии Тоҷикистон дар самти туризм: фароҳам овардани шароити сиёсӣ ва базаи ҳуқуқӣ**» унвон дошта, дар бораи таърихи ташаккулёбӣ ва рушди сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти туризм, аз ҷумла фароҳамоварии заминаҳои мусоиди сиёсӣ, иқтисодӣ ва фазои созгори ҳуқуқӣ барои ривоҷу равнақи соҳаи мазкур бо равандҳои ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии мамлакат робитаи ногусастанӣ дошта, тадриҷан ташаккул ва рушд ёфтааст, сухан меравад. Барои он ки оид ба маҷмӯи проблемаҳои соҳаи туризм ва тамоюлоти рушди он дар давраҳои мушаххаси таърихӣ тасаввуроти воқеӣ пайдо карда тавонем таҳқиқ ва мураттабсозии даврабандии он нақши муҳим мебозад.

Зербоби сеюм «**Ниёзҳои иқтисодии Тоҷикистон ва сармоягузорӣ дар ин самт**» ном дошта, дар ин қисмат муаллиф кӯшидааст, ки иқтисодиёти туристии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, вижагиҳои хосси ин соҳа ва таъсири он дар рушди умумии кишварро таҳқиқ кунад. Муаллиф пас аз баррасии амиқ тавсияҳои муаллифии худро ҷиҳати пешрафти соҳа баён кардааст. Аз ҷумла, ӯ таъсис додани Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии туризм ва ҷалби коршиносон ва мутахассисон таҳия ва чоп намудани қомуси миллии сайёҳиро зарур ва таъхирнопазир мешуморад.

Боби дуюми диссертатсия «**Динамикаи рушди туризм дар Тоҷикистон дар солҳои 1991-2006**» номида шуда, он низ аз ду зербоб таркиб ёфтааст.

Дар зербоби якум «**Таърихи бунёди ниҳоди дахлдор дар соҳаи туризм ва марҳилаҳои асосии фаъолияти он**» оид ба сохтори иҷроияи Ҳукумат, ки ба идоракунии давлатӣ, танзими байнисоҳавӣ ва байниминтақавӣ дар соҳаи сайёҳӣ машғул буда, сиёсати давлатиро пеш бурда, то давраи соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ доимо тағйир меёфт, сухан рафта, бавуҷудоии низоми мустақил ва мукаммали идоракунии соҳаи туризм шарҳ дода шудааст.

Дар зербоби дуюм **«Экотуризм дар Тоҷикистон ва дурнамои рушди он»** хусусиятҳои асосии экотуризм, ки аз дигар намуди соҳаи сайёҳӣ фарқ мекунад, пеш аз ҳама дар муносибати эҳтиёткорона ба табиат, ҳифзи объектҳои фарҳангӣ, масъулияти иҷтимоӣ, нигоҳдории рушди устувори мавзеи сайёҳӣ ва дар навбати аввал марзи ҳудудҳои махсусҳисшавандаи табиӣ ифода мегардад, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Боби сеюми диссертатсия **«Туризм дар Тоҷикистон дар солҳои 2007-2016 ва дурнамои рушди он»** оид ба омилҳои тавсеаи соҳа дар давраи мавриди таҳқиқ маълумот дода мешавад.

Дар зерфасли якуми боби сеюм **«Туризми дохилӣ ва роҳҳои тавсеаи он: мушкилот ва дурнамо»** перомуни роҳҳои тавсеаи туризми дохилӣ, мушкилот ва дурнамои он маълумот дода шудааст. Дар ин қисмат ҷозибҳои аслии Тоҷикистон ва зарурати омӯзишу тарғиби он муаллиф чанд хулоса ва тавсия баён кардааст.

Дар зерфасли дуюми боби сеюм **«Рушду тавсеаи туризми табобатӣ дар Тоҷикистон»** муаллиф дар бораи чашмаҳои Тоҷикистон барои ташкили истироҳату фароғат ва бунёд намудани шифохонаҳо, хонаҳои истироҳативу санаторияҳо ва умуман барои рушди туризм дар Тоҷикистон заминаи мусоиди табиӣ доранд, сухан ронда, таъкид менамояд, ки қариб дар тамоми манотиқи ҷумҳурӣ обҳои шифобахш ҷорӣ мебошанд, ки истифодаи оқилонаи онҳо барои рушди туризм ва ба ин васила пешрафти иқтисодиёти кишвари азизамон Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

Дар зерфасли сеюми боби сеюм **«Шаклгирӣ ва рушди туризми байналмилалӣ дар Тоҷикистон»** роҳҳои шаклгирии туризм дар кишвар мулоҳиза ронда, зикр мекунад, ки муҳимтарин омиле, ки боиси коҳиш ёфтани вуруди сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон гардид, ба буҳрони шадиди молиявии ҷаҳонӣ вобаста мебошад, ки то имрӯз иқтисоди ҷаҳониро пайгирӣ дорад. Ин раванд на танҳо ба соҳаи сайёҳии мамлакати мо, балки ба соҳаи туризми ҷаҳонӣ мутааллиқ буда, хусусияти сирф иқтисодиро фарогир аст. Яъне, ба муносибатҳои сиёсӣ ва иҷтимоии байналмилалӣ ва ё коҳиш ёфтани мақому манзалати мавзеоти сайёҳӣ, ё худ ба сатҳ ва сифати инфрасохтори сайёҳӣ иртибот надорад. Муаллиф ба натиҷае мерасад, ки шаклгирӣ ва рушди туризми байналмилалӣ дар Тоҷикистон бо намоиши иқтидори сайёҳии кишвар дар арсаи байналхалқӣ, таблиғи хатсайрҳо, намоиши маҳсулоти сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумии миллати тоҷик сол то сол мақоми бозори сайёҳии кишвар дар арсаи байналмилалӣ боло рафта истодааст.

Дар хулоса натиҷаҳои таҳқиқот хулосабандӣ гардидаанд.

Диссертатсияи Миракзода Фаридун Юсуфи дар мавзӯи **«Туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих ва дурнамои рушд (солҳои 1991-2016)»** ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри

соли 2016, тахти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Хулоса, дар ҷаласаи васеи кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода қабул карда шудааст.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд 13 нафар.**

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** «тарафдор» - 13 нафар, «бетараф» - нест, «зид» - нест, протокол №7 аз 18 марти соли 2019.

Мудири кафедраи таърих
ва робитаҳои байнифарҳангӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор Азимзода Н.Б.

ШУЪБАИ КАДРҲО

Имзои Н.Б. Азимзодаро тасдиқ менамоям:
мудири шуъбаи кадрҳои
ДДЗТ ба номи С. Улуғзода Наҷмуддинов Ш.М.